УДК 33Т
ББК 65.9 (5Т)
М 92

**ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ ЭЪТИМОДИ НИҲОДӢ БА ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ МИНТАҚАҲО**

***Муҳсинова Парвина Абдулқосимовна*** *- дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Ҳофизов Ҳафиз Асгарович*** *- дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға; 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, e-mail:boadab@mail.ru*
***Бобоҷонова Нафисабону Зафарҷоновна*** *- магистранти соли 2-юми кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

**ВЛИЯНИЕ ФАКТОРОВ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОГО ДОВЕРИЯ НА ИНВЕСТИЦИОННУЮ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТЬ РЕГИОНОВ**

***Мухсинова Парвина Абдулкосимовна*** *- доцент кафедры мировой экономики ГОУ ХГУ имени академика Б.Гафурова. г.Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Хофизов Хафиз Асгарович*** *- доцент кафедры кибернетики и цифровой экономики Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17, e mail:boadab@mail.ru*
***Бабаджановна Нафисабону Зафарджановна*** *- магистрант 2-го курса кафедры мировой экономики ГУО Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, г. Худжанд, Республики Таджикистан.*

**THEORETICAL BACKGROUND OF FORMING A REGIONAL CLUSTER: FOREIGN PRACTICE**

***Muhsinova Parvina Abulkosimovna*** *- Researcher of the Khujand State University named after academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Hofizov Hafiz Asgarovich*** *- Associate Professor, Department of Cybernetics and Digital economy, Tajik national university Address: 17, Rudaki Avenue, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, e-mail: boadab@mail.ru*
***Bobojonova Nafisabonu Zafarjonovna*** *– 2-nd year Master Student of the Department of World Economy, Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Khujand, Republic of Tajikistan.*

***Калид вожаҳо:*** *сармоягузорӣ, эътимод, пурсишшудагон, захираҳо, рушд, меъёр, самаранокӣ*

*Мақолаи мазкур ба таҳлили муҳити ниҳодии минтақавӣ дар бурриши муайян намудани алоқамандиҳои эътимоди ниҳодӣ ба ҷозибияти сармоягузории минтақаҳо бахшида шуда аст. Аз ҷониби муаллифон таҳлили ҷомеъаи (соҳибкорон) тоҷикон дар бобати самаранокии таъсири*

*эътимоди ниҳодӣ дар ҳолатҳои дар зиндагӣ ба вукуъ меомада гузаронида шуда аст. Нишон дода шуда аст, ки сатҳи эътимоди ниҳодии чамъият на онқадар баланд буда, аммо устувор мебошад. Ҳамчунин баҳоҳое, ки респондентон оид ба самаранокии системаҳои ниҳодӣ дар ҳалли масъалаҳои тахминкунии сармоягузорӣ барои азхуд намудани потенсиали захираҳои табии минтақаҳо на он қадар баланд буда, бештари пурсишшудагон аниқ ба дастгирии ин ё он ниҳод эътимод доранд. Муаллифон зикр мекунад, ки баҳоҳои пасти самаранокии ниҳодҳо дар ҳолатҳои мушкили ҳаётӣ барои беҳтар гардонидани  ҷозибияти сармоягузории минтақаҳо танҳо дар доираи фарзияҳо пешниҳод гардидаанд. Қайд мегардад, ки самаранокии истифода кардани захираҳои сармоягузорӣ барои азхуд кардани захираҳои табии минтақаҳо аз сатҳи эътимоди ниҳодӣ вобастагӣ дошта бошад ҳам, аммо эътимодро метавон зуд аз даст дода, ба он ноил гардидан вақти хело зиёдро талаб мекунад.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, доверие, респонденты, ресурсы, развитие, критерии, эффективность.*

*Данная статья посвящена анализу региональной институциональной среды в контексте определения взаимосвязей между институциональным доверием и инвестиционной привлекательности региона. Авторами проведен анализ в таджикском обществе (предпринимателей) и представлений об эффективности институционального доверия при выходе из сложных жизненных ситуаций. Показано, что уровень институционального доверия в обществе остается невысоким, но достаточно стабильным. Однако наибольшее доверие при этом вызывают институты, выступающие в роли символов таджикской государственности, но мало влияющие на инвестиционную привлекательность регионов страны. При этом оценки, которые респонденты дают эффективности институциональной системы в решении проблем инвестиционного обеспечения освоения природно-ресурсного потенциала региона, недостаточно высоки и большинства респондентов уверены, что могут рассчитывать на помощь тех или иных институтов. Авторами отмечается, что низкие оценки эффективности институтов в сложных жизненных ситуациях, характерные для приувлечения инвестиционной привлекательности регионов, основаны не только на гипотетических представлениях. Отмечается, что эффективность использования инвестиционных ресурсов для освоения и использования природно-ресурсного потенциала регионов может непосредственно зависить от уровня институционального доверия, однако, доверие можно утратить очень быстро, но приобрести его требуется много времени.*

***Key words:*** *investments, trust, respondents, resources, development, criteria, efficiency.*

*This article is devoted to the analysis of the regional institutional environment in the context of determining the relationship between institutional trust and the investment attractiveness of the region. The author's carried out an analysis in the Tajik society (entrepreneurs) and ideas about the effectiveness of institutional trust in overcoming difficult life situations. It is shown that the level of institutional trust in society remains not high, but rather stable. However, the institutions that act as symbols of the Tajik statehood, but have little effect on the investment attractiveness of the country's regions, cause the greatest confidence in this case. At the same time, the assessments that respondents give to the effectiveness of the institutional system in solving the problems of investment support for the development of the natural resource potential of the region are not high enough, and most respondents are sure that they can count on the help of certain institutions. The author's notes that low assessments of the effectiveness of institutions in difficult life situations, which are characteristic of the investment attractiveness of regions, are based not only on hypothetical ideas. It is noted that the effectiveness of the use of investment resources for the development and use of the natural resource potential of the regions can directly overestimate the level of institutional trust, however, trust can be lost very quickly, but it takes a long time to acquire it.*

Самти муҳими баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа дар ташаккули муҳити ниҳодии ҷалб намудани сармоя ва истифодаи самараноки он таҷассум мегардад. Ниҳодҳо ё худ институтҳо чаҳорчӯбаи амалисозии фаъолияти сармоягузориро муайян менамоянд. Ҳар қадаре, ки ин чаҳорчӯба васеътару ҳар қадаре, ки дар он ҳар гуна монеъаҳои меъёриву ҳуқуқӣ камтар бошад, ҳамон қадар равандҳои сармоягузорӣ шиддатноктар мегарданд. Шиддатнокии равандҳои сармоягузорӣ бошад, метавонад асоси самаранокии маблағҳои гузошташуда бошад. Аммо бояд ба назар гирем, ки шиддатнокии маблағҳои гузошташуда ҳангоми мавҷуд будани муҳити мусоиди сармоягузории ниҳодӣ таъмин мегардад. Дигар карда гӯем, бозори сармоягузорӣ ба муайян намудани қоидаи бозӣ эҳтиёҷ дорад, ки бидуни он тартиб риоя намегардад ва мувофиқан ҷалб намудани бозингарон низ имконнопазир мегардад. Чи хеле, ки Л.В. Плахова қайд менамояд «Бо барпо гаштани бозори сармоягузорӣ зарурияти рушди муҳити ниҳодӣ аҳамиятноктар мегардад, ки бозори баландихтисосу шафофро пуштибонӣ менамояд ва имконоти ҳаракати озоду самараноки маблағҳоро фароҳам меорад» [8, с.50]

Оғоз гардинаи омӯзиши асосҳои ниҳодии идоранамоии иқтисодиёт зуҳуроти нав мебошад. Ғояи асосии он дар аҳамияту таъсири он ба рафтори субъектони иқтисодӣ инъикос мегардад. Ниҳодҳо ба ҳайси ташкилотҳои гуногун, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, қонунҳо, зерқонунҳо, урфу одат, зеҳният ва ғ. баромад мекунанд, ки ё фаъолияти субъектони иқтисодиро маҳдуд месозанд ва ё ба онҳо барои иҷро намудани нақшаҳояшон фазои васеъро мекушоянд. Аслан ниҳодҳоро ба ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷудо мекунанд. Алоқамандии ниҳодҳои расмиву ғайрирасмӣ чаҳорчӯбаи қонунии рафторро муайян мекунад.

Умуман ниҳодҳоро ҳамчун «маҷмӯъи меъёрҳои нисбатан умумию устувор, қонунан ё ғайрирасмӣ мустаҳкамгардида, таърихан пайдогашта, ки қоидаҳои ташкилдиҳандаи муносибатҳои оммавӣ, иқтисодӣ ва алоқамандии байни одамону ташкилотҳо ва мамлакатҳоро ташаккул медиҳанд», маънидод карда мешаванд [4, с.126]. Ниҳодҳоро ба якчанд намуд ҷудо мекунанд, ки онҳо ниҳодҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, молиявӣ ва ғ. мешаванд ва дар доираи алоқамандии онҳо муносибатҳои расмиву ғайрирасмӣ ташаккул мeёбанду инчунин қоидаҳои бозиро тасреҳ менамоянд.

Дар доираи алоқамандиҳо ва ҳамкориҳои ниҳодҳо муносибатҳои расмиву ғайрирасмӣ ташаккул мeёбанд, ки маҳз онҳо шартҳои асосии бозиро муайян мекунанд. Равиши дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор додани ниҳодҳо, аз нигоҳи мо хато мебошад, зеро фаъолияти ниҳодҳои иқтисодӣ бо фаъолияти ниҳодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва дигар намуди ниҳодҳо печида мебошад. Гоҳе мешавад, ки як ниҳод битавонад ҳам масъалаҳои иқтисодӣ ва ҳам масоили иҷтимоиву сиёсиро низ ҳал намояд. Аммо бояд дар назар дошт, ки дар ин ҳолат хароҷотҳои трансаксионии ниҳодҳо афзун гардида, дар натиҷа самаранокии фаъолияти ниҳодҳо паст мегардад ва албатта ин хароҷотҳо ба равандҳои фаъолияти сармоягузорӣ таъсир хоҳанд расонид.

Пас метавонем иброз намоем, ки назарияи ниҳодӣ айни замон яке аз абзорҳои асосии шарҳдиҳандаи рафтори агентҳои иқтисодӣ мебошанд ва онҳо фарогири элементҳои алоқамандиҳои ниҳодҳои расмиву ғайрирасмӣ мебошанд. Чун алоқамандиву ҳамкориҳои оптималии ниҳодҳои расмиву ғайрирасмӣ ба ташаккулёбии муҳити ниҳодӣ мусоидат хоҳад кард.

Бояд қайд намоем, ки танзим ва назорати равандҳои сармоягузориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ниҳодҳое чун Корхонаи фаръии «Тоҷинвест», Вазорати молия, ҳукуматҳои маҳалливу давлатӣ ва ғ. амалӣ карда мешаванд, ки тибқи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ фаъолияти сармоягузории субъектони хоҷагидориро назорат мекунанд ва пояи қонунгузории назорати фаъолияти сармоягузорӣ тадриҷан бо рушд кардани ин ниҳодҳо ташаккул ёфта истода аст.

Масъалаҳои эътимоди ниҳодӣ вақтҳои охир дар доираи илм ва фаъолияти иқтисодӣ, алалхусус дар ҳолатҳои омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ мавриди омӯзишу таҳқиқоти чуқур қарор мегирад. Зеро, ки ҳангоми сармоягузорӣ намудан яке аз омилҳои таъсирбахш ба ин раванд, махсусан оид ба баргашта омадани воситаҳову маблағҳои сармоя шуда, ба эътимоди ниҳодӣ диққати хос дода мешавад.

Аммо бояд тазаккур дод, ки масъалаи чен намудани эътимодӣ ниҳодӣ то ба ҳол баҳсбарангез мебошад. Чун истифодаи усулҳои оморӣ нисбат ба ниҳодҳо аз сабаби набудани асоси меъёрӣ душвортар мебошад ва барои ҳамин ҳам чен намудани эътимоди ниҳодӣ тавассути усулҳои иҷтимоӣ гузаронида мешавад. Вақтҳои охир усулҳои коркарди компютерии маълумотҳои дар доираи «пурсиш» ба даст омада машҳур гаштаанд. Бартарияти ин усуслҳо дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот сода, боваринок мебошанд. Бо ин мақсад бо ёрии пурсиши иҷтимоӣ мо низ мехоҳем, ки эътимоди ниҳодии таъминнамоии сармоягузорӣ барои азхудкунии иқтидори захираҳои табии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намоем.

Бо мақсади чен кардани эътимоди ниҳодии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мо чунин фарзияҳо пешниҳод мегарданд:

- миёни эътимоди ниҳодӣ ва сармоягузориҳо баҳри азхудкунии потенсиали захираҳои табиӣ алоқамандии мусбӣ мавҷуд аст;
- эътимоди ниҳодӣ ба афзалиятнокии сармоягузориҳо дар соҳаҳои гуногуни азхудкунии захираҳои табиӣ таъсир мерасонад;
- санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда нисбат ба эътимоди ниҳодӣ таъсири мусбат доранд;
- эътимоди ниҳодӣ аз таъсири муҳити беруна осебпазир аст.

Барои тасдиқ ё рад намудани фарзияҳои дар боло овардашуда моро мебояд назарсанҷии соҳибкорони нисбатан бузургтари вилоятро гузаронем ва натиҷаҳои ба дастомадаро таҳлили тестӣ кунем. Меъёри таҳлили тестӣ- коэффитсиенти Алфа -Крон Бах интихоб гардида, ба ҳайси таъминоти барномавӣ бошад, барномаи SPSS statistica баромад мекунад. Шумораи посухдиҳандагон 140 нафар буда, саволҳои пурсишнома чунин тартиб дода шудаанд:

1. То чӣ андоза Шумо ба ояндаи ниҳодҳои зерин ҳангоми сармоягузорӣ кардан барои азхудкунии захираҳои табиӣ эътимод доред?
2. То чӣ андоза Шумо ба ояндаи сармоягузорӣ ба чунин соҳаҳо эътимод доред?
3. То чӣ андоза Шумо ба таъсирбахшӣ ва самаранокии санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерин эътимод доред?
4. То чи андоза Шумо ба ояндаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо чунин ниҳодҳои байналмиллалӣ эътимод доред?

Дар ин замина посухоро ҷамъбастӣ намуда, нахуст қимати миёнаи рутбабандишудаи ҷавобҳоро тариқи қиммати миёнаи баркашидашуда муайян менамоем ва аз қатори нишондиҳандаҳои муайянгардида қиммати миёнаи арифметикии он гирифта мешавад ва пасон ба таҳлили компютерӣ дар муҳити барномаи татбиқии SPSS statistica фарогир карда мешавад.

Ҳамин тавр, ба саволи «То чӣ андоза Шумо ба ояндаи ниҳодҳои зерин ҳангоми сармоягузорӣ кардан барои азхудкунии захираҳои табиӣ эътимод доред?» посухдиҳандагон чунин ҷавобҳо доданд: (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Алоқаи байни эътимоди ниҳодӣ ва сармоягузориҳо барои азхудкунии потенсиали захираҳои табиӣ

| № | Ниҳод | I | II | III | IV | V | VI | VII |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Бонкҳо | 6 | 8 | 12 | 49 | 32 | 33 | 4,37 |
| 2. | Радио ва телевидение | 10 | 9 | 9 | 61 | 39 | 12 | 4,04 |
| 3. | Иттифоқҳои касаба | 27 | 34 | 44 | 18 | 10 | 7 | 2,79 |
| 4. | Ширкатҳои суғуртавӣ | 10 | 27 | 29 | 47 | 15 | 12 | 3,47 |
| 5. | Матбуот | 9 | 7 | 13 | 54 | 32 | 25 | 4,20 |
| 6. | Донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмӣ | 0 | 2 | 9 | 62 | 50 | 17 | 4,51 |
| 7. | Бозор | 7 | 6 | 10 | 55 | 32 | 30 | 4,35 |
| 8. | Иттиҳоди кордиҳандагон | 12 | 16 | 12 | 27 | 29 | 44 | 4,26 |
| 9. | Барқи тоҷик (тақсимоти энергияи барқ) | 23 | 27 | 24 | 25 | 21 | 20 | 3,39 |
| 10. | Маводи сӯхт | 10 | 12 | 14 | 35 | 33 | 36 | 4,26 |
| 11. | Роҳ ва логистика | 12 | 17 | 10 | 32 | 33 | 36 | 4,18 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 12. | Мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ | 9 | 13 | 21 | 16 | 40 | 41 | 4,34 |
| | Қиммати миёнаи арифметикӣ аз қиммати миёна | 3,70 | | | | | | |
| Эзоҳ: I – куллан эътимод надорам; II – эътимод надорам; III – на онқадар эътимод дорам; IV – дар бештари ҳолатҳо эътимод дорам; V – эътимод дорам; VI - куллан эътимод дорам; VII – қиммати миёнаи рутбабандӣ. | | | | | | | | |

*Аз тарафи муаллифон дар асоси пурсишнома ҳисоб карда шуда аст*

Чи хеле ки маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд, дар маҷмӯъ миёни соҳибкорон сатҳи эътимоди ниҳодӣ на он қадар баланд аст. Ба назар чунин мерасад, ки дар байни ҷомеъа таомули маъюсию рӯҳафтодагӣ ҷой дорад. Махсусан, муносибати одамон нисбат ба иттифоқҳои касаба, ширкатҳои суғуртавӣ, Барқи тоҷик ва ғ. изтиробангез аст. Шарҳи ин чунин аст, ки бо сабаҳои объективӣ дар муддати муайяни вақт (солҳои 1992-2016) дар кишвар, дар сохтори идоранамоии давлатӣ тағиротҳои куллӣ ба амал омаданд, ки дар натиҷа табадуллоти куллии ниҳодҳоро ба вуқӯъ овард ва дигар ин аст, ки ҷанги шаҳрвандӣ як муддат тамоми ниҳодҳои идоракунии давлатиро комилан заъиф кард, аз ҷумла омилҳое чун хусусигардонӣ ва ислоҳотҳои гуногун эътимоди мардумро нисбат ба бахшҳои идоракунӣ, эмиссияи пул, таваррум ва ғ. коста намуд. Ҳамаи ин ба сатҳи эътимоди ниҳодӣ дар ҷомеъаи тоҷик, аз ҷумла дар байни соҳибкорон таъсир нагузошта наметавонист.

Саволи минбаъда бо мақсади муайян намудани соҳаҳои ояндадори минтақа гузошта шуда буд. Ин пурсиш агар аз нигоҳи аввал муносибати новобаста ба ниҳодҳо надошта бошад ҳам, таъсири ғайримустақими он ба ниҳодҳои давлатӣ бешак ҳувайдост. Ҳамин тавр ба саволи «То чӣ андоза Шумо ба ояндаи сармоягузорӣ ба чунин соҳаҳо эътимод доред» ақидаи пурсидашудагон чунин аст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

Сармогузорӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти минтақа дар оянда

| № | Ниҳод | I | II | III | IV | V | VI | VII |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Гидроэнергетика | 23 | 19 | 56 | 16 | 10 | 16 | 3,14 |
| 2 | Канданиҳои фоиданок (газ, нефт, ангишт) | 19 | 34 | 36 | 24 | 15 | 12 | 3,13 |
| 3 | Алоқа ва электроника | 2 | 9 | 13 | 45 | 32 | 39 | 4,52 |
| 4 | Растанипарварӣ | 18 | 22 | 29 | 26 | 24 | 21 | 3,56 |
| 5 | Чорводорӣ | 0 | 11 | 14 | 54 | 43 | 18 | 4,31 |
| 6 | Боғдорӣ | 32 | 31 | 45 | 11 | 21 | 0 | 2,70 |
| 7 | моҳипарварӣ | 16 | 22 | 27 | 29 | 31 | 15 | 3,59 |
| 8 | Мурғпарварӣ | 4 | 9 | 8 | 40 | 44 | 35 | 4,54 |
| 9 | Савдо | 3 | 11 | 14 | 35 | 37 | 40 | 4,51 |
| 10 | Хизматрасониҳои тиббӣ | 12 | 29 | 24 | 25 | 24 | 26 | 3,70 |
| 11 | Савдои ресторанӣ | 3 | 6 | 9 | 55 | 35 | 32 | 4,49 |
| 12 | Дорусозӣ аз растаниҳо | 12 | 12 | 7 | 39 | 36 | 34 | 4,26 |
| 13 | Истеҳсолоти кимиёвӣ | 19 | 21 | 23 | 26 | 26 | 25 | 3,67 |
| 15 | Корҳои кӯҳӣ | 23 | 25 | 43 | 19 | 16 | 14 | 3,16 |
| 16 | Металургияи ранга | 24 | 28 | 39 | 31 | 12 | 6 | 2,98 |
| 17 | Мошинсозӣ | 18 | 35 | 41 | 19 | 14 | 13 | 3,11 |
| 18 | Саноати хурока | 5 | 17 | 11 | 42 | 40 | 25 | 4,21 |
| 19 | Сохтмон ва масолеҳи сохтмонӣ | 14 | 22 | 29 | 29 | 26 | 20 | 3,65 |
| 20 | Нақлиёт | 6 | 7 | 11 | 24 | 51 | 41 | 4,64 |
| 21 | Илм ва маориф | 7 | 19 | 25 | 29 | 31 | 29 | 4,04 |
| | Қиммати миёнаи арифметикӣ аз қиммати миёна | 3,61 | | | | | | |
| Эзоҳ: I – куллан эътимод надорам; II – эътимод надорам; III – на онқадар эътимод дорам; IV – дар бештари ҳолатҳо эътимод дорам; V – эътимод дорам; VI - куллан эътимод дорам; VII – қиммати миёнаи рутбабандӣ. | | | | | | | | |

Ҷавобҳои пурсидашудагон як зайл ба тарфдории чунин соҳаҳо ба мисли савдои ресторан, савдо, нақлиёт, саноати хӯрокворӣ, чорвопарварӣ, дорусозӣ, мурғпарварӣ, электроника, алоқа ва ғ. майл мекунад. Соҳаҳое чун кори кӯҳӣ, азхудкунии канданиҳои фоиданок, гидроэнергетика, металургияи ранга, мошинсозӣ, боғдорӣ ва дигарҳо эътимоди камтар доранд. Зимнан бояд тазаккур дод, ки соҳибкорон ба сармоягузорӣ намудан ба соҳаҳое, ки бозпардохти онҳо дарозмуддат аст худдорӣ менамоянд ва эътимоди кам доранд. Ин ҳолатро ба сабабҳои гуногун алоқаманд намудан мумкин аст, ки яке аз онҳо ин бешудҳа паст будани сатҳи эътимоди ниҳодӣ мебошад. Дар қатори ин метавон ҳамчунин ба набудани фикрронии (андешаи) стартегӣ ва набудани воситаҳои бузурги соҳибкорӣ ишора намуд, ки ба онҳо имконият намедиҳад, то ба лоиҳаҳои калони дарозмуддат сарукор дошта бошанд

Аммо варианти аввала нисбатан яқинтар аст, яъне сатҳи пасти эътимоди ниҳодӣ дар байни мардум. Вале ин маънои онро надорад, ки ниҳодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоман шоистаи боварӣ нестанд. Баръакс дар бештари ҳолатҳо онҳоро эҳтиром мекунанд ва ҳангоми лозим шудан ба онҳо муроҷиат мекунанд. Аммо саволи сармоягузорӣ кардан ба ягон соҳаи мушаххас, ин саволи ниҳоят чуқуртар аст, ки одамонро маҷбур мекунад, то ҳама тарафҳои ҳолатҳои имконпазирро баркашанд ва дар ин ҷо ноустувории ниҳодӣ меъери асосӣ аст. Ин вазъро қисман сармоягузорони хориҷӣ низ ба инобат мегиранд ва пеш аз маблағгузорӣ намудан таъсири ниҳодҳо ба фаъолияти сармоягузориро дақиқан меомӯзанд.

Саволи сеюм бошад ба ниҳодҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дахл дорад. Мақсади савол муайян кардани то чӣ андоза соҳибкорон ба қонунҳо, консепсияҳо ва барномаҳои қабул гаштаву ба фаъолияти сармоягузорӣ муносибатдошта, эътимод доштанашон равона гардида аст. Дар тафовут аз саволи якум ин савол тавсифи объективӣ дорад, зеро ки дар ин ҷо ба ҳайси омили эътимод субъектони мушаххас неву ҳуҷҷатҳо баромад мекунанд, ки ба муносибатҳои ниҳодҳо нисбати дуюмин алоқамандии бевосита дорад.

Ҷадвали 3

Самаранокӣ ва фаъолии ниҳодҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ

| № | Ниҳод | I | II | III | IV | V | VI | VII |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Конститутсияи чумҳурии Тоҷикистон | 3 | 6 | 23 | 58 | 21 | 29 | 4,3 |
| 2 | Қонун дар бораи сармоягузорӣ | 6 | 8 | 15 | 22 | 45 | 44 | 4,6 |
| 3 | Кодекси андоз | 10 | 12 | 12 | 39 | 36 | 31 | 4,2 |
| 4 | Қонун дар бораи соҳибкорӣ | 10 | 15 | 15 | 42 | 40 | 18 | 4,0 |
| 5 | Кодекси меҳнат | 9 | 14 | 19 | 36 | 29 | 33 | 4,2 |
| 6. | Стартегияи миллии рушд барои солҳои то 2030 | 15 | 17 | 16 | 25 | 33 | 34 | 4,0 |
| 7 | Қонуни ҶТ дар бораи таъсири муҳити зист | 18 | 20 | 14 | 18 | 35 | 35 | 4,0 |
| 8 | Қонуни ҶТ дар бораи санадҳои меъёрӣ-хуқуқӣ | 7 | 8 | 12 | 25 | 38 | 50 | 4,6 |
| 9 | Қонуни ҶТ дар бораи сиёсати давлатии саноат | 14 | 16 | 19 | 42 | 25 | 24 | 3,9 |
| 10 | Қонуни ҶТ дар бораи ҳимояи рақобат | 17 | 17 | 21 | 24 | 32 | 29 | 3,9 |
| 11 | Дар бораи шартномаи байналмиллалӣ | 11 | 22 | 11 | 36 | 30 | 30 | 4,0 |
| 12 | Қонуни ҶТ дар бораи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ | 18 | 17 | 23 | 54 | 22 | 6 | 3,5 |
| 13 | Қонуни ҶТ дар бораи хизматрасониҳои пардохтшаванда ва системаи пардохтӣ | 19 | 21 | 20 | 37 | 18 | 25 | 3,6 |
| 15 | Қонуни ҶТ дар бораи қаъри замин | 2 | 23 | 38 | 45 | 16 | 16 | 3,7 |
| 16 | Қонуни ҶТ дар бораи индекстсияи даромади аҳолӣ бо дарназардошти афзоиши нарх ба маҳсулот ва хизматрасониҳои истеъмолӣ | 15 | 16 | 39 | 38 | 12 | 20 | 3,5 |
| 17 | Қонуни ҶТ дар бораи таъмини нафақаи сокинони ҶТ | 13 | 25 | 12 | 42 | 22 | 26 | 3,8 |
| 18 | Қонуни ҶТ дар бораи ислоҳоти замин | 15 | 19 | 25 | 29 | 33 | 19 | 3,7 |
| 19 | Қонуни ҶТ дар бораи биржаи молӣ ва савдои бирдавӣ дар ҶТ | 15 | 23 | 19 | 25 | 35 | 23 | 3,8 |
| 20 | Қонуни ҶТ дар бораи иҷора дар ҶТ | 10 | 17 | 35 | 31 | 36 | 11 | 3,7 |
| 21 | Қонуни ҶТ дар бораи таъмини ягонагии ченакҳо | 11 | 18 | 15 | 42 | 29 | 25 | 4,0 |

Эзоҳ: I – куллан эътимод надорам; II – эътимод надорам; III – на онқадар эътимод дорам; IV – дар бештари ҳолатҳо эътимод дорам; V – эътимод дорам; VI - куллан эътимод дорам; VII – қиммати миёнаи рутбабандӣ.

Ҷавобҳои гирифташуда ҳолати ба миёномада дар ҷомеъаи тоҷикро инъикос мекунад. Аҷоиб намояд ҳам вале бисёре аз ниҳодҳои меъёрӣ, ки бо сармоягузорӣ ягон намуд алоқамандӣ доранд, дар байни соҳибкорон эътимоди зиёдро соҳиб гаштаанд. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки амалишавии баъзе санадҳои ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатие, ки хусусан ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ равона гардидаанд, масъалаҳои онро нисбатан пурратар дар бар гиифтаанд ва роҳҳои ҳалли мушкилотҳо дар ин самт дар ҷумҳуриро инъикос мекунанд.

Новобаста аз ин бояд дар назар дошт, ки амалигардонии бисёре аз барномаҳои давлатӣ, ки ба беҳтар гардонидани ҷаззобияти сармоягузории минтақаҳо равона гардидаанд, дучори мушкилотҳое мегарданд, ки бо норасогии захираҳои маблағгузорӣ, камчинии мутахассисони соҳибмалака, набудани таҷрибаи идоракунӣ, коррупсия, қаллобӣ ва ғ. вобастаанд. Мувофиқан дар оянда чорабиниҳо бояд ба мукаммалгардонии механизмҳои назорат ва ҳисоботнокии амалигардонии барномаҳлои давлатӣ оид ба беҳтар намудани ҷаззобияти сармоягузории минтақаҳо равон гарданд.

Асосноккунии саволи чорум дар он зоҳир мегардад, ки Тоҷикистон умуман дар бештари ҳуҷҷатҳо майл ба самти «иқтисоди кушодаи хурд» дорад. Мувофиқан таъсири омилҳои беруна хеле баланд мебошанд.

Маълум аст, ки бисёре аз лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ва манотиқи он якҷоя бо ниҳодҳои молиявии байналмиллалӣ амалӣ мегарданд ва Тоҷикистон аъзои якчанд гурӯҳҳои ҳамгирои минтақа ва инчунин аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) мебошад. Дар алоқа ба ин, чи хеле, ки ба мо муайян аст, чунин савол гузошта шуд: То чӣ андоза Шумо баояндаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо чунин ниҳодҳои байналмиллалӣ эътимод доред? (ҷадвали 4)

Ҷадвали 4

Ояндаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ниҳодҳои байналмиллалӣ

| № | Ниҳод | I | II | III | IV | V | VI | VII |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | СУС | 12 | 6 | 53 | 19 | 16 | 13 | 3,0 |
| 2 | Бонки Ҷаҳонӣ | 7 | 13 | 14 | 29 | 36 | 41 | 4,4 |
| 3 | СҲШ | 14 | 14 | 21 | 32 | 31 | 28 | 4,0 |
| 4 | БРО | 5 | 11 | 24 | 32 | 40 | 28 | 4,3 |
| 5 | ИДМ | 14 | 19 | 25 | 29 | 30 | 23 | 3,8 |
| 6. | СШАД | 6 | 10 | 25 | 31 | 39 | 29 | 4,2 |
| 7 | БРА | 14 | 15 | 20 | 34 | 27 | 30 | 4,0 |
| 8 | Фонди байналмиллалии молиявӣ | 12 | 18 | 21 | 24 | 31 | 34 | 4,0 |
| 9 | Бонки Осиёӣ | 15 | 10 | 29 | 35 | 32 | 19 | 3,8 |
| 10 | Ташкилоти ҳамкориҳои исломӣ, OIS | 12 | 21 | 20 | 28 | 29 | 30 | 3,9 |
| 11 | Ташкилоти ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд, OECD | 15 | 21 | 35 | 32 | 13 | 24 | 3,6 |
| 12 | Ташкилоти ҳамкориҳои иқтисодӣ, ОЭС | 17 | 21 | 19 | 29 | 20 | 34 | 3,8 |
| 13 | Фазои аврупоии маълумоти олӣ | 19 | 15 | 23 | 31 | 36 | 16 | 3,7 |
| 14 | Минтақаҳои савдои озод | 13 | 21 | 21 | 25 | 26 | 34 | 3,9 |

Эзоҳ: I – куллан эътимод надорам; II – эътимод надорам; III – на онқадар эътимод дорам; IV – дар бештари ҳолатҳо эътимод дорам; V – эътимод дорам; VI - куллан эътимод дорам; VII – қиммати миёнаи рутбабандӣ.

Ҳамин тавр пас аз мавриди таҳлил қарор додани ҷавобҳои пурсишшуда, фарзияҳои пешниҳодгардида ва натиҷаи таҳлили онҳоро мавриди омӯзиш қарор диҳем, пас мебинем, ки тибқи муайян намудани вобастагиҳои коррелятсионии онҳо бо усули Пирсон, коэффитсиенти коррелятсияи баъзеи (бештари) онҳо ($r < 0,5$) аз 0,5 калон нест ва гуфта метавонем, ки на ҳамаи ниҳодҳои дар таҳқиқот дида баромадашуда бо фаъолгардони сармоягузориҳо алоқамандии зич доранд. Таҳлил муайян намуд, ки монеъаи асосӣ дар роҳи ҷалб намудани сармоягузориҳо сатҳи пасти эътимоди ниҳодӣ мебошад. Дар байни ниҳодҳо

танҳо эътимоди баланд ба Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Ислоҳоти замин», Кодекси меҳнат, роҳҳо, логистика, «савдо», «саноати хӯрока», «тиҷорати ресторан», ИДМ, СҲШ, СММ нишондиҳандаи баланд дошта, қиммати нишондиҳандаҳои дигар бошад, камтаъсир ба назар мерасанд.

Натиҷаи умумии таҳлили натоиҷи дисперсионии якченакаи чор гурӯҳи тағйирёбандаҳо дар ҷадвали 5 инъикос гардидаанд.

Ҷадвали 5.

Омори чор гурӯҳи тағйирёбандаҳо дар доираи пурсиши 140 респондет.

| Тағйирёбандаҳо | Ҷавобҳои миниималӣ | Максимум | Ба ҳисоби миёна | Тамойил | Дисперсия |
|---|---|---|---|---|---|
| I | 2,00 | 3,20 | 2,5 | 0,3 | 0,001 |
| II | 1,60 | 4,60 | 3,5 | 0,9 | |
| III | 2,00 | 3,75 | 3,1 | 0,4 | |
| IV | 2,25 | 4,00 | 3,2 | 0,5 | |

Ҳамин тавр, тағйироти радикалии эътимоди ниҳодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он тарғиботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ниҳодҳоро талаб мекунад, ки ба рушди равандҳои сармоягузорӣ ба таври мустақим ё ғайримустақим таъсир мерасонанд. Хело муҳим аст, ки тасвири ниҳодҳои молиявӣ, ки на он қадар маълуманд, баланд бардошта шаванд. Ҳамчунин ба фарох гардонидани ҳамкории тиҷорати хусусӣ бо ниҳодҳои байналмиллалӣ, алалхусус ташкилотҳои молиявӣ зарурияти хоса дорад. Ҳамҷоя бо ин ташаккули муносибати нисбатан мусбат, дигар карда гӯем «эътимод», масъалае мебошад, ки ҳалли он даҳсолаҳоро металабаду аммо аз даст додани он метавонад дар як соат ба миён ояд. Барои ҳамин ҳам бояд ба ин раванд диққати махсус дод.

АДАБИЁТ


1. Алпацкая Е.Г. Инвестиционная деятельность: институциональный аспект// Вестник Челябинского государственного университета. - Челябинск, 2010. - № 14. - С.82-89.
2. Джетписова А. Б. Государственное управление инвестиционной деятельностью в Республике Казахстан: институциональный подход// Вестник Астраханского государственного технического университета. Серия: Экономика. –Астрахань, 2010. - № 2. - С.53-59.
3. Кобелева Х.А. Институциональное доверие в современной России через призму политического генотипа//Вестник Воронежского государственного университета. Серия: История. Политология. Социология. - 2016. - № 1. - С. 51-53.
4. Лебедева Н. Н. Институциональный механизм экономики: сущность, структура, развитие. - Волгоград: Изд-во ВолГУ, 2002. – 326 с.
5. Майборода Т.Л. Доверие как экономическая категория: актуальность, этапы развития исследований//Вестник Белорусского государственного экономического университета. – Минск, 2011. - № 3. – С.19-24.
6. Обидов Ф.С. Природно-ресурсный потенциал национальной экономики и проблемы его использования: на примере Республики Таджикис-тан//Диссертация доктора экономических наук. - Душанбе, 2006. -346 с.
7. Одинаев Х.А. Оценка инвестиционной привлекательности водно-энергетической интеграции стран Центральной Азии//Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук.- Душанбе: «СИНО», 2009.- № 7(55). - С.3-8.
8. Плахова Л.В. Институциональные основы формирования приоритетов инвестиционной политики региона// Региональная экономика: теория и практика. – М., 2007. № 5. – С. 50-55.
9. Решетова Я.М., Шилков Д.Е., Шорохова И.С. Эконометрическая оценка и стимулирование факторов привлечения прямых иностранных инвестиций в Уральский федеральный округ//Вестник Уральского института экономики, управления и права. - Екатеринбург, 2015. - № 2 (31). - С.39-45.

10. Розенберг Дж.М. Инвестиции: Терминологический словарь/Пер. с англ. А.М.Волковой, А.В.Щедрина. - М., 1997. - 400 с.
11. Саидмурадов Л. Внешнеэкономические интересы малой открытой экономики Республики Таджикистан//Общество и экономика. - М., 2005. - № 5. - С.125-138.
12. Сергеев И.В., Веретеникова И.И., Шеховцов В.В. Инвестиции - 3-е изд., перераб. и доп. - М.: «ЮРАЙТ», 2013. - 315 с.
13. Сивакова С.Ю. Инвестиции как фактор экономического роста Смоленской области//Символ науки. - Уфа: «ОМЕГА САЙНС», 2015. - № 1-2. - С.58-62.
14. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021. - № 3. Часть II. - С.108-119.
15. Шорина И.Н. Институциональное доверие в современном российском обществе (региональный аспект)// Вестник Тамбовского государственного университета. – Тамбов, 2013. - выпуск 8 (124). – С. 271-274.

LITERATURE

1. Alpatskaya E.G. Investment activity: institutional aspect// Bulletin of the Chelyabinsk State University. - Chelyabinsk, 2010. - No. 14. - P.82-89.
2. Dzhetpisova A. B. State management of investment activities in the Republic of Kazakhstan: an institutional approach // Bulletin of the Astrakhan State Technical University. Series: Economy. -Astrakhan, 2010. - No. 2. - P.53-59.
3. Kobeleva H.A. Institutional trust in modern Russia through the prism of the political genotype// Bulletin of the Voronezh State University. Series: History. Political science. Sociology. - 2016. - No. 1. - P. 51-53.
4. Lebedeva N. N. Institutional mechanism of economics: essence, structure, development. - Volgograd: VolGU Publishing House, 2002. - 326 p.
5. Mayboroda T.L. Trust as an economic category: relevance, stages of research development// Bulletin of the Belarusian State Economic University. - Minsk, 2011. - No. 3. - P.19-24.
6. Obidov F.S. Natural resource potential of the national economy and the problems of its use: on the example of the Republic of Tajikistan//Dissertation of Doctor of Economics. - Dushanbe, 2006. - 346 p.
7. Odinaev Kh.A. Assessment of the investment attractiveness of the water and energy integration of the countries of Central Asia//Bulletin of the Tajik National University. Series of economic sciences. - Dushanbe: "SINO", 2009. - No. 7 (55). - P.3-8.
8. Plakhova L.V. Institutional Foundations for the Formation of the Region's Investment Policy Priorities// Regional Economics: Theory and Practice. - M., 2007. No. 5. - P. 50-55.
9. Reshetova Ya.M., Shilkov D.E., Shorokhova I.S. Econometric assessment and stimulation of factors for attracting foreign direct investment in the Urals Federal District // Bulletin of the Ural Institute of Economics, Management and Law. - Ekaterinburg, 2015. - No. 2 (31). - P.39-45.
10. Rosenberg J.M. Investments: Terminological dictionary / Per. from English. A.M. Volkova, A.V. Shchedrin. - M., 1997. - 400 p.
11. Saidmuradov L. Foreign economic interests of a small open economy of the Republic of Tajikistan//Society and economy. - M., 2005. - No. 5. - P. 125-138.
12. Sergeev I.V., Veretenikova I.I., Shekhovtsov V.V. Investment - 3rd ed., Revised. and additional - M.: "URAIT", 2013. - 315 p.
13. Sivakova S.Yu. Investments as a factor in the economic growth of the Smolensk region//Symbol of science. - Ufa: "OMEGA SCIENCE", 2015. - No. 1-2. - P.58-62.
14. Khofizov H.A. Formation of the institution of trust as a factor in the activation of investment activity in the region / Kh.A. Khofizov // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. - Dushanbe, 2021. - No. 3. Part II. - P.108-119.
15. Shorina I.N. Institutional trust in modern Russian society (regional aspect) // Bulletin of the Tambov State University. - Tambov, 2013. - issue 8 (124). - P. 271-274.